| № | Таҳлили таъсири танзимкунии<br>лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намояндагони патентӣ” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намояндагони патентӣ” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Намояндагони патентӣ |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 феврали соли 2023 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 октябри соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 25 октябр то 25 ноябри соли 2022 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон | Пешбурди парвандаҳо оид ба додани патент ё шаҳодатнома ва ҳалли дигар масъалаҳои объектҳои моликияти саноатӣ дониши махсусро дар соҳаҳои илм, техника ва ҳуқуқи патентӣ талаб мекунад. Барои ин қонунгузор ба ихтироъкорон ва дигар соҳибҳуқуқон на танҳо иштироки мустақилонаи онҳо, балки истифодаи |

| | | |
|---|---|---|
| | амал андешида нашавад | хизматрасонии дигаронро пешниҳод мекунад. Ба сифати чунин субъектон пеш аз ҳама ваколатдорони патентӣ (намояндагони патентӣ)-е, ки онҳо шахсони маълумоти махсусдошта, дорои собиқаи махсуси корӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ ва аз аттестатсияи (имтиҳони) махсус гузашта, унвони намояндаи патентӣ гирифта эътироф гардидаанд, баромад карда метавонанд. Ҳоло қонунгузор намояндагони патентиро ба тариқи васеъ ба танзим надаровардааст.<br>Ҳамаи намояндагони патентӣ бояд аз аттестатсияи ҳатмӣ гузашта дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ё худ дар Идораи патентӣ ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, яъне дар Феҳрасти ягонаи давлатӣ ба қайд гирифта шаванд ва ба онҳо шаҳодатномаи ҳуқуқи махсус барои ба амал баровардани фаъолияти касбӣ дода мешаванд.<br>Намояндагони патентӣ метавонанд мустақилона ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ фаъолияти касбии худро ба амал бароранд.<br>Муносибати байниҳамдигарии намояндагони патентӣ бо мизоҷон дар асоси шартномаи супориш ва ваколатномаи аз тарафи мизоҷ дода шуда ба роҳ монда мешаванд.<br>Агар ягон амал андешида нашавад, муносибатҳо вобаста ба фаъолияти намондагони патентӣ ба танзим даровaрда нашуда, баҳсҳо байни ихтироъкорон, муаллифон ва соҳибкорон ба вуҷуд меоянд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани банди 2.1 Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 ва инчунин банди 1 Нақшаи кори Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими муносибатҳо вобаста ба намояндагони патентӣ, таҳия гардидааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии “Дар бораи намояндагони патентӣ” аз 5 ва 18 иборат аст.<br>Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти |

| | | |
|---|---|---|
| | аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | касбии намояндагони патентӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда, талаботро ба намояндагони патентӣ, тартиби аттестатсия ва бақайдгирии онҳо, инчунин ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва масъулияти онҳоро муайян менамояд.<br>Дар лоиҳаи Қонун чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- пешбурди корҳо бо намояндагони патентӣ;<br>- талабот нисбат ба номзадҳо барои намояндагони патентӣ;<br>- аттестатсияи намояндагони патентӣ;<br>- бақайдгирии намояндагони патентӣ;<br>- махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо ҳангоми амалигардонии фаъолияти намояндагони патентӣ;<br>- боздоштани фаъолияти намояндагони патентӣ ва ғайра.<br><br>Дар лоиҳа уҳдадориҳои зерин барои субъектҳои соҳибкорӣ пешнбигӣ мегардад:<br>- аттестатсия дар мақоми ваколатдор;<br>- бақайдгирӣ дар мақоми ваколатдор;<br>- махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо ҳангоми амалигардонии фаъолият.<br>Маҳдудияти зерин дар лоиҳа барои субъектони соҳибкорӣ пешбинӣ гардидааст:<br>- вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои ғайриихтисосӣ ва бесифатии шартномаи бо ваколатдеҳ. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Мутобиқи банди 1 Нақшаи кори Шӯрои миллӣ яке аз чорабиниҳои асосӣ ин омӯзиш, таҳлил ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии соҳаи моликияти зеҳнӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии соҳаи моликияти зеҳнӣ мебошад.<br>Дар таҷриба, баҳсҳо байни Идораи патентӣ, намояндагони патентӣ ва ихтироъкорон вобаста ба ҳуқуқ ва ваколатхои намояндагони патентӣ зиёд мебошанд, ки ҳалли онҳо меъёри дақиқро талаб мекунад.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли |

| | | |
|---|---|---|
| | | мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ ва ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба ваколат, бақайдгирӣ, аттестатсия ва ҳуқуқҳои намояндагони патентӣ гайриимкон мебошад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати кабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи Қонуни мазкур аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳо аз ҷониби намояндагони патентӣ баланд мегардад;<br>- ҳуқуқҳои ихтироъкорон, соҳибкорон, муаллифон ва намояндагони патентӣ ҳифз мегарданд;<br>- малакаи касбии намояндагони патентӣ баланд мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодиёти кишвар;<br>- рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Муносибатҳо вобаста ба фаъолияти касбии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботҳо, тартиби аттестатсия ва бақайдгрии онҳо, инчунин ҳуқуқҳо, вазифаҳо масъулияти онҳо пурра ба танзим даровarда мешавад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 марти соли 2023 |

Директори Муассисаи давлатии
“Маркази миллии патенту иттилоот”-и
Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилзода М.Ҳ.